


**Конфронси байналмилалии илмӣ “700 сол бо Ҳофиз”**

**11 июни 2025, қароргоҳи ЮНЕСКО**

**7 Place de Fontenoy, 75007 Париж, Фаронса**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Анҷумани «Рӯдакӣ» дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО баргузории Конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба бузургдошти Ҳофизи Шерозӣ зери унвони **“700 сол бо Ҳофиз”**-ро эълон менамоянд. Ба ин конфронс пажуҳишгарону донишмандон барои пешниҳод намудани мақола ва иштирок даъват мешаванд. Пажуҳишгарону донишмандон барои пешниҳод намудани мақола ва иштирок дар ин конфронс, ки дар шакли ҳузурӣ ва маҷозӣ баргузор хоҳад гашт, даъват мегарданд.

**Ҳадафи конфронс:** омӯзиши амиқи осори беназири Ҳофизи Шерозӣ ва эътирофи арзиши воқеии саҳми ин абармарди сухану адаб дар тамаддуни башарӣ.

**Мавзуъҳои конфронс:**

1. Ҳофизи Шерозӣ – шоир, файласуф ва мутафаккир;
2. Зарурати шинохти осори адабии Ҳофиз;
3. Ҳофиз ва таъсири эҷодиёти ӯ бар фарҳангҳои ҷаҳонӣ;
4. Ҷойгоҳи инсони озодманиш дар ашъори Ҳофиз;
5. Арзишҳои инсондӯстӣ, сулҳофаринӣ ва таҳаммулпазирӣ дар эҷодиёти Ҳофиз;
6. Даъвати Ҳофиз ба маҳви хурофоту таассуби динӣ;
7. Тараннуми дӯстӣ дар ашъори Ҳофиз;
8. Ниёзҳои ҷаҳони имрӯз ба дарки андешаҳои Ҳофиз;
9. Вижагиҳои мумтози ашъори Ҳофиз аз назари мунаққидони адабӣ ва фалсафӣ;

10. Нақши ашъори Ҳофиз дар рушди мусиқӣ, махсусан шашмақом;
11. Панди Ҳофиз ҳидоятгари инсонҳо ба сӯи камолоти маънавӣ.

**Забонҳои кории конфронс:** форсӣ, англисӣ, фаронсавӣ.

**Талабот барои мақолаҳо:**

- Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо феҳристи манобеъ то 6000 калима;
- Маълумот дар бораи муаллиф: ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, ҷойи кор, вазифа, нишона, шумораи телефон ва суроғаи электронӣ;
- Мақолаҳо бояд дар шаклҳои MS DOC ва PDF пешниҳод шаванд;
- Муҳлати ниҳоии пешниҳоди мақолаҳо ва/ё баромади видеоӣ: 15 майи 2025;
- Давомнокии суханронӣ барои иштирокдорони маҷозӣ: 5 дақиқа.

**Нишона барои пешниҳод:**

- unesco@mfa.tj
- rudaki1993@yahoo.com
- rudakiacademy.org

Мақолаҳои интихобшудаи конфронс дар шакли маҷмӯа чоп мешаванд.

Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО:

1. Зулфия Бурҳон
2. Яҳё Валиев
3. Малика Раҳимӣ
4. Тахмина Сабурова

Телефон барои тамос:
+992 37 2216001
+992 37 2277516

Tajikistan National Commission for UNESCO

RUDAKI
RECHERCHE • EDUCATION
SOLIDARITE